Азимова Н.

**Тақриз**

**ба диссертатсияи Воҳидова Нодира Абдусатторовна дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ). – Хуҷанд, 2022. – 179 саҳ.**

Рушди забонҳои давлатӣ (тоҷикӣ), русӣ, англисӣ ва такмили таълими онҳо яке аз вазифаҳои муҳимми стратегии сиёсати фарҳангии Ҳукумати Тоҷикистон мебошад. Далели возеҳ ин аст, ки дар ду соли охир дар Паёмҳои Сарвари давлат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуда, оид ба такмили таълими забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ барномаҳои давлатии даҳсолаи такмили таълим ва омӯзиш қабул карда шуданд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Воҳидова Н.А. дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» бо мақсади саҳм гузоштан дар иҷрои тадбирҳои давлатӣ дар ҳамин бобат иҷро гардидааст.

Дар диссертатсия дар се боб муҳимтарин масъалаҳои пайдоиш, таҳаввулот ва хусусиятҳои фарҳангҳои забонҳои маъруфи гуногунсохт дар мисоли тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо усули муқоисавӣ-типологӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Дар ҳамин замина имкон фароҳам омадааст, ки умумият ва тафовутҳои фарҳангҳои забонҳои қиёсшаванда муайян карда шаванд.

Маводи диссертатсия имкон медиҳад, ки ба ҷуз масъалаҳои хоси фразеографӣ, боз ба як қатор ҷиҳатҳои амалии фразеология равшанӣ андохта шавад. Диссертатсия, аз як тараф, такя ба дастовардҳои забонҳои сатҳи ҷаҳонӣ дорад, аз ҷониби дигар, он дар заминаи фарҳангҳои маъруфи фразеологии ин забонҳо (русӣ ва англисӣ) бо ҷалби сарчашмаҳои дигар таълиф гаштааст.

Боби якум – «Аз таърихи ташаккули фразеографияи забонҳои гуногунсохт» ном дошта, он ба таҳлили масоили пайдоиш ва раванди инкишофи фразеографияи забонҳои мазкур дар ду марҳала – тоинқилобӣ ва муосир тахассус ёфтааст. Дар фаслҳои дуюм ва сеюми боб даврабандӣ ва вусъати фарҳангнигории русию англисӣ дар робита бо забони тоҷикӣ дар мисоли луғатҳои тарҷумавии русӣ-тоҷикӣ, англисӣ-тоҷикӣ ва баръакс, тоҷикӣ-русӣ, тоҷикӣ-англисӣ таҳлил гардидааст.

Боби дуюм – «Накши фразеография дар рушди фразеологияи забонҳои гуногунсохт» ном дошта, дар он муаллиф тавонистааст, ки дар асоси маводи назариявӣ ва амалии маъруфтарин фарҳангҳои фразеологӣ самтҳои рушди фразеологияи забонҳои қиёсшавандаҳоро нишон диҳад.

Боби сеюм – «Усулҳои шарҳи ВФ дар фарҳангҳои фразеологии забонҳои гуногунсохт» ном дорад ва он вобаста ба принсипҳои шинохт, интихоб, ҷобаҷогузории моддаҳои луғат ва усулҳои шарҳ дар «формулаи параметрӣ» дар ҳафт ҷанба таҳлил гардидааст.

Диссертатсия дорои аҳамияти калони назариявию амалӣ мебошад. Онро метавон аз омилҳои муҳимми рушди фразеографияи забонҳои гуногунсохт ва такмили на танҳо фарҳангҳои фразеологии забонҳои мавриди назар, яъне тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, балки забонҳои дигар низ шуморид.

Унвонҷӯ Воҳидова Н.А. сармуаллимаи фаъоли кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобҷон Ғафуров» буда, муттасил бо корҳои таҳқиқотӣ машғул аст, то ҳол наздик бист мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст.

Хулоса, мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди диссертатсия гузошта шудаанд, комилан амалӣ гаштаанд. Мазмуни диссертатсия бо ном ва ихтисоси зикршуда мувофиқ аст, натиҷаҳои таҳқиқот дар 13 мақолаи илмӣ (аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои дар қайди КОА буда) интишор гардидаанд, кори диссертатсионӣ маҳсули ҷусторҳои илмӣ-эҷодии

унвонҷӯ мебошад. Мухтавои диссертатсияро автореферат ифода менамояд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Н.А. Воҳидоваро дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) ба ҳимоя тавсия менамоям ва муаллифи он шоистаи дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.

**Роҳбари илмии диссертатсия –**
**доктори илмҳои филология, профессори кафедраи**
**фонетика ва лексикологияи забони англисии**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров»:** **Азимова М.Н.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.**
**Тел.: (+992) 926468055**
**E-mail: sabik_0091@mail.ru**

**«Имзои М.Н. Азимоваро тасдиқ менамоям».**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**